## ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Воқеан дар баробари ниёзҳои ҳамарӯзаи инсон манзили истиқоматӣ яке аз шароитҳои асосии моддии зиндагонии ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқ ба манзил ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсонӣ дар самти таъмини ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ ва зиндагии оилавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Эҳтиёҷ ба манзили истиқоматӣ хусусияти табиӣ ва доимӣ дошта, аз лаҳзаи таваллуд сарчашма гирифта, дар тӯли тамоми зиндагӣ боқӣ мемонад.

Мавҷудияти манзил барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ва шароитҳои зарурии рушди шахсият, аз ҷумла: ҳуқуқ ба саломатӣ, таҳсил, камолоти касбӣ ва таъмини амнияти иҷтимоӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Аз ин лиҳоз, манзил на танҳо объекти молу мулк, балки унсури муҳими амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахсӣ ва иҷтимоии инсон маҳсуб меёбад.

Дар заминаи ин, давлат уҳдадор аст, ки дар доираи сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худ шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ ва амалиро барои таъмини дастрасӣ ба манзили истиқоматӣ фароҳам оварад, то ин ки ҳуқуқи шаҳрвандон ба зисти сазовор ва муҳити мувофиқ амалӣ гардад.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ба манзил ва таҳқиқи илмии амалишавии он ба низоми иқтисодӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии мамлакат пешбинишуда мусоидат менамояд. Яке аз вазифаҳои асосӣ дар самти баланд бардоштани дастрасии манзил рушд ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт ба шумор меравад

Новобаста аз зиёдшавии сохтмони манзил, мушкилот дар самти амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил боқӣ мемонад. Дар шароити кунунии коҳиши имкониятҳои молиявии давлат ҷиҳати маблағгузории соҳаи сохтмони манзил, буҳрони иқтисодӣ ва маҳдуд будани захираҳои

мавҷуда, масъалаи таъмини аҳолӣ, махсусан табақаҳои иҷтимоии эҳтиёҷманд, бо манзили истиқоматӣ ба яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ-иктисодӣ мубаддал гаштааст. Гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, аз қабили маъюбон, модарони танҳо, оилаҳои серфарзанд ва камбизоат, бинобар набудани имкониятҳои кофии молиявӣ, аз дастрасӣ ба захираҳои манзили хусусӣ маҳруманд.

Мубрамиву асоснокии таҳқиқот ба он асоснок мегардад, ки Дар асоси таҳқиқоти муқоисавӣ ва арзёбиҳои иктисодӣ-ҳуқуқӣ, метавон ба хулоса омад, ки таназзули имкониятҳои давлатии манзилсозӣ ва беэътибор мондани механизмҳои самараноки дастгирии иҷтимоӣ боиси заифшавии амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ гардидаанд.

Ба ҳамин асос, зарурати такмили сиёсати манзилии давлатӣ, аз ҷумла васеъ намудани барномаҳои дастгирии иҷтимоии аҳолии осебпазир, ҷорӣ намудани механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок, рушди лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи шартномаи кироян иҷтимоӣ ҳамчун василаи муҳими ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба миён меояд.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривактӣ, мубрам ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии Ҷумъахони Саидшои Латифзода аз муқаддима, 3 боб 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад, ҳар як қисматро муаллиф пурра таҳқиқ кардааст.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дар диссертатсия бештар истифода гардидаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаллиф Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода шудаанд.

Дар диссертатсияи мазкур сарчашмаҳои динӣ-ҳуқуқии даврони зардуштӣ ва мусулмонӣ, қонунгузории замони шуравӣ, қонунгузории муосири Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ васеъ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсинии муаллифро таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқ ба

манзилро дар бар мегирад. Дар он, марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди институти ҳуқуқ ба манзил дар ҳуқуқи халқи тоҷик мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, заминаҳои меъёрии он дар қонунгузории миллӣ шарҳ ва тавзеҳ ёфтаанд.

Маҷмуи таҳқиқоти гузаронидашуда, усули таҳлили мураккаби ҳуқуқӣ ва баррасии таҷрибаи байналмилалӣ, арзиши баланди илмии ин диссертатсияро муайян менамояд ва асоси тавсеаи минбаъдаи ҳуқуқ ба манзил ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоии инсонро фароҳам месозад.

Диссертант дар таҳқиқоти худ 4 нутаҳои илмии назариявӣ ва як амалӣ ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҳуқуқ ба манзил, роҳҳо ва механизмҳои ҳифз намудани он бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи манзил ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Аз ҷумла, муаллиф дар ду конференсияи байналмилалӣ ва як конференсияи ҷумҳуриявӣ баромад намуда, вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ таҳия ва нашр кардааст, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти ҶТ тақризшаванда ва 3 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонида шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Яқубзода С.Н.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 227 -15-10

**Имзои Яқубзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.
«09» феврали 2026 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj